**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 78/12

аз «30» 05 соли 2024

Кумитаи андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи ба охир расидани мухлати машварати оммавӣ оид ба огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Маркази миллии қонунгузорӣ огоҳинома дар бораи омода намудани лоиҳаи зикргардидаро, ки дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2024 ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Машварати оммавӣ нисбати огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи мазкур аз 29 апрел то 30 майи соли 2024 гузаронида шуд.

Огоҳинома бо дарназардошти талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия гардидааст. Тибқи қисми 3 моддаи 35 Қонуни зикргардида, субъекти таҳиякунанда оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё даст кашидан аз омода намудани он ҳуқуқ дорад.

Дар сурати қабули қарор оид ба таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, мувофиқи банди 12 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст, дар хусуси оғози машварати оммавӣ субъектҳои манфиатдорро тариқи хаттӣ огоҳ созед.

Директор Саидзода И.Ҳ.